Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17)

# ТАҚРИЗИ

муқаррризи расмӣ ба диссертатсияи Қурбонализода Нурулло Шамсулло дар мавзуи **«Масъалаҳои субъекти ҳуқуқи маданӣ будани шахсони воқеӣ: ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон»**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст**. Мавзуи диссертатсия, нақша, маводҳои илмию амалии дар диссертатсия истифодашуда, натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои дар доираи таҳқиқот манзуршуда ба ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мувофиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Баъди соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои нави танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ ба вуҷуд омад ва яке аз воситаҳои асосии танзимкунандаи ин муносибатҳо маҳз тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ санаде, ки мавқеи ягонаву танзимгари доираи васеи муносибатҳои ҷамъиятӣ буда, заминаи ҳуқуқии тамоми соҳаҳои ҳаёти давлативу ҷамъиятӣ маҳсуб мегардад ин Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Доир ба масъалаи субъекти ҳуқуқ будани шахсони воқеӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои заминавиро мустаҳкам намуда, қонунгузории маданӣ дар иртибот бо хусусиятҳои худ мазмун ва моҳияти онро дар шакли амалӣ гардидани фаъолияти молумулкӣ ба

танзим медарорад.

Тавре муаллифи диссертатсия **Қурбонализода Нурулло Шамсулло** иброз медорад: “дар шароити имрӯза аҳаммияти мавзуи мазкур рӯз аз рӯз афзоиш меёбад, чунки ҳам санадҳои умумиэътирофшудаи байналмилалӣ ва ҳам қонунгузории миллӣ муқаррар кардаанд, ки ҳар шахс ҳуқуқи субъекти муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ шуданро, новобаста аз он ки вай дар куҷо қарор дорад, соҳиб мебошад. Яъне чунин меъёр ба шахсони воқеӣ, новобаста аз мансубияташон ба ин ё он давлат, новобаста аз ҷинс, нажод, миллат, синну сол ва ғайра дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори шаҳрвандони ҷумҳурӣ ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии баробар доранд”.

Бо қабул гардидани Кодекси манадии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар боби 3 шахсони воқеӣ ҳамчун субъекти ҳуқуқи маданӣ ба таври васеъ танзим карда шуд. Аз ҷумла масъалаҳои мафҳуми шахси воқеӣ, қобилияти ҳуқуқдории шахси воқеӣ, мазмуни қобилияти ҳуқуқдории шахси воқеӣ, фаъолияти соҳибкории шахсони воқеӣ, ҷавобгарии молумулкии шахси воқеӣ ва дигар масъалаҳои муҳимми вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ танзим гардидааст.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ **Қурбонализода Нурулло Шамсулло** бо дарназардошти меъёрҳои Кодекси граждании ва дар муқоиса бо меъёрҳои Кодекси маданӣ масъалаҳои болозикрро пурра таҳлили илмӣ намудааст, ки паҳлуҳои хуби ин таҳқиқот маҳсуб ёфта дар оянда барои рушди илми ҳуқуқи граждании метавонад мусоидат намояд.

Бояд иброз намуд, ки дар илми ватанӣ таҳлил ва омӯзиши масъалаҳои субъекти ҳуқуқи маданӣ будани шахсони воқеӣ: ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи таҳқиқоти докторӣ нахсустин кори илмӣ мебошад, ки метавонад барои рушди илм ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон як марҳилаи навро оғоз бахшад.

Бо дарназардошти нишондодҳои болозикр метавон хулоса намуд, ки таҳқиқ ва омӯзиши проблемаҳои субъекти ҳуқуқи маданӣ будани

шахсони воқеӣ аз лиҳози илми ҳуқуқи граждани мубрам ва зарур мебошад.

**Дарачаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи талабот ба диссертатсияҳо мутобиқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 муайян карда шудаанд, таҳия гардидааст.

Диссертатсия кори мустақили илмӣ-тахассусӣ ба шумор рафта, натиҷаи он барои рушди илм ва қонунгузории маданӣ заминаҳои зарурииро фароҳам меорад. Диссертатсия бо услуби илмӣ навишта шудааст, ягонагии дохилӣ дорад, дорои натиҷаҳо ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимояи ошкор пешниҳодшаванда мебошад, ки онҳо дар бораи саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илм шаҳодат медиҳад. Дар диссертатсия маълумот оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои илмии аз тарафи муаллифи диссертатсия бадастовардашуда ва тавсияҳо оид ба истифодаи хулосаҳои илмӣ оварда шудаанд. Роҳи ҳалли масъалаҳои пешниҳоднамудаи муаллифи диссертатсия асоснок ва сазовор ба баҳои мусбӣ мебошанд.

Муаллиф проблемаҳои хоси соҳаро баррасӣ кардааст. Таҳилҳо, хулосаҳо, тавсияҳо ва баҳсҳои илмии муаллиф аз мавқеи мустқили ӯ дарак медиҳад. Ном, нақша ва навишти диссертатсияи доктории мазкур ягонагии дохилӣ дорад ва пайдарҳаму мантиқона ифода шудааст.

Натиҷаҳои бадастовардаи диссертант ҳам аз ҷанбаи илм хусусияти назариявӣ дошта, барои рушди илм ва таҳқиқотҳо дар ин самт мусоидат мекунанд. Аз ҷониби дигар, онҳо хусусияти амалӣ дошта, барои такмил додани қонунгузории маданӣ дар самти масъалаҳои субъекти ҳуқуқи маданӣ будани шахсони воқеӣ мусоидат менамоянд. Натиҷаи амалии таҳқиқоти пешниҳодшуда, ба таври самаранок амалӣ шудани он дар таҷриба мебошад. Тавсияҳои онро метавон дар қонунгузории

амалкунанда, дар барномаҳои давлатӣ, барномаҳои таълимӣ ба таври васеъ истифода бурд.

Нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалие, ки дар диссертатсияи доктории Қурбонализода Нурулло Шамсулло манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву таҷдиди қонунгузории соҳаи маданӣ, омодасозии стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ саҳмгузор бошанд.

Ба ҳимоя муқаррароти илмии зерин пешниҳод гардидаанд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти диссертатсияро ифода месозанд:

1. Муаллиф қайд менамояд, ки истилоҳи қобилияти ҳуқуқдории субъективӣ дар худ падидаи алоҳидаи мустақилро таҷассум менамояд, ки истифодаи он барои тавсифи комплексии шахсони воқеӣ зарур мебошад, чунки дар ин истилоҳ метавонад фаҳмишҳои умумифалсафӣ нисбати инсон ҳамчун ягонагии биологӣ ва иҷтимоӣ инъикос ёбад.

2. Дар пешниҳоди дигар, муаллиф дарҷ менамояд, ки мазмуни қобилияти ҳуқуқдории субъективии шахсони воқеиро маҷмӯи унсурҳои махсус ва умумии ба ҳам алоқаманд ташкил медиҳанд. Ба сифати унсурҳои умумӣ ҳуқуқ ва қобилияти амалкунӣ баромад мекунанд, ки онҳо асоси сифати заминавии тавсифи вазъи ҳуқуқии тамоми шахсони воқеиро ташкил медиҳанд. Аммо умқи масъала ва таҳлили ҳамаҷонибаи он нишон медиҳад, ки мундариҷаи он аз рӯйи моҳияти ҳуқуқии ҳолатҳо гуногунанд, ба онҳо шаҳрвандӣ, таваллуд, ҳолати оилавӣ ва молумулкӣ, оқибати ҳуқуқвайронкунӣ, вазъи саломатӣ, ҷинс ва ғайра дохил мешаванд. Омилҳои номбаршудае, ки мавқеи ҳуқуқии мадании шахсро аниқ мекунанд, унсурҳои махсуси қобилияти ҳуқуқдории субъективии маданӣ мебошанд, чунки онҳо мазмун ва моҳияти амалисозии ҳуқуқҳои ба инсон (шахсони воқеӣ) тааллуқдоштаро муайян месозанд.

3. Муаллиф бар он ақида аст, ки унсурҳои махсусе, ки мундариҷаи қобилияти ҳуқуқдории субъективии маданиро ташкил медиҳанд, ба биологӣ ва иҷтимоӣ ҷудо мешаванд. Унсурҳои биологӣ – ин сифат ва

хусусиятҳое мебошанд, ки ба шахс ҳамчун организми биологӣ тааллуқ доранд, масалан ҳамчун аъзои оилаи одамон. Ба маънои иҷтимоӣ бошад, омилҳои сиёсӣ, меҳнатӣ, оилавӣ-ҳуқуқӣ ва молумулкиро дар назар доранд.

4. Дар рисола муаллиф иброз медорад, ки бо ҳам мувофиқ омадани унсурҳои умумӣ ва махсуси қобилияти ҳуқуқдории субъективӣ мумкин аст, аз мавқеи инъикоси истилоҳҳои фалсафӣ, муайян ва номуайян, статикӣ ва динамикӣ дар мазмуни он кушода шавад. Ба сифати истилоҳи номаълум (абстрактӣ) қобилияти ҳуқуқдории субъективӣ характери оморӣ (статикӣ) мегирад ва мундариҷаи он аз ҳуқуқ ва қобилияти амалкунӣ холӣ мемонад (ғайриқобили амал ва ё қобилияти маҳдуди амал), аммо вақте ки нисбати шахси инфиродан муайян татбиқ карда шавад, мундариҷаи он метавонад дар натиҷаи таъсири унсурҳои махсус, ки муайянкунандаи хусусиятҳои хоси қобилияти ҳуқуқдории шахси мазкур мебошад, табдил ёбад. Ин маънои онро дорад, ки қобилияти ҳуқуқдории субъективӣ дар таркиби худ омилҳои статикӣ ва динамикиро ҳамчун зуҳуроти абстрактӣ ва ё инфиродан муайян дорад.

5. Алоқамандии омилҳои иҷтимоӣ ва биологӣ дар моҳияти шахс, инъикоси худро дар воситаҳои фардикунонии шахси воқеӣ меёбад, ки ба он аз як тараф омилҳои хусусияти иҷтимоидошта – ба монанди номи шаҳрванд ва маҳалли истиқомати он ва аз тарафи дигар омили биологӣ – яъне дастхати шахсӣ дохил мешаванд. Номи шаҳрвандро аз як тараф метавон ҳамчун яке аз унсури қобилияти ҳуқуқдории субъективии шахсият баҳо дод, аз дигар тараф бошад, ҳамчун ҳуқуқи субъективии маданӣ, ки дар худ як қатор ҳуқуқҳоро дар бар мегирад. Мазмуни он бо дар назар доштани хусусиятҳои миллӣ, таърихӣ, динӣ ва забонӣ, ки онҳо имкон медиҳанд бе ягон маҳдудияти қонунгузорӣ номи худро интихоб кунанд, муайян карда мешавад.

6. Дар пешниҳоди дигари худ муаллиф дарҷ менамояд, ки дастхати шахсии шаҳрванд муайянкунандаи инфиродии шахсияти он дар

муносибатҳои ҳуқуқии мадании мебошад. Қобилияти муайянкунии он хеле зиёд аст, назар ба дигар омилҳои муайянкунандаи шахсият, чунки масалан, ном метавонад ба доираи номаҳдуди шахсон тааллуқ дошта бошад ва ё тағйир ёбад, вале имзо ё дастхати ҳар як фард нотакрор аст ва то охири умр вай тағйир намеёбад ва он бо омилҳои биологӣ вобаста буда, хусусияти такроршавиро надорад ва қариб, ки онро сохтакорӣ карда намешавад.

7. Дар рисола муаллиф пешниҳод менамояд, ки дар шароити муосири муомилоти мадании ҷиҳати фардикунонии шахс на танҳо истилоҳоти анъанавӣ, ба монанди «маҳалли истиқомат» зарур аст, балки инчунин омилҳои нав ба монанди «маҳалли амалигардонии фаъолият» низ бояд ба инобат гирифта шавад, чунки солҳои охир фаъолияти гуногуни соҳибкорӣ инкишоф ёфта истодаанд, ки бисёре аз шаҳрвандон дар ҷойи амалигардонии фаъолияти соҳибкорияшон низ зиндагӣ мекунанд. Фарқият миёни ин ду истилоҳ дар он аст, ки маҳалли истиқомат тибқи қонунгузорӣ муайян карда шудааст ва дар зери мафҳуми он ҷойе фаҳмида мешавад, ки шаҳрванд дар он доимӣ ва ё бештар аз он зиндагӣ мекунад. Ба ин дохил мешавад, масалан, маҳалли истиқомати шахс. Аммо ҷойи амалигардонии фаъолият нисбатан мафҳуми дигарро дар назар дорад. Дар навбати худ, зери мафҳуми маҳалли амалигардонии фаъолият бояд, ҷойе фаҳмида шавад, ки шахси воқеӣ дар он ҷо ин ё он фаъолиятро (соҳибкорӣ ва ё ғайрисоҳибкориро) анҷом медиҳад.

8. Ба андешаи муаллиф, ҳангоми вайрон кардани ҳуқуқҳои молумулкӣ ба шахс зарари маънавӣ низ мерасад. Барои вайрон кардани ҳуқуқҳои молумулкӣ қонунгузории мадании ҷуброни зарар дар шакли ҷуброни пул ё мол ва ё дар шакли дигар муқаррар кардааст. Аммо нисбати ҷуброни зарари маънавие, ки ҳангоми расонидани зарари молумулкӣ ба шахс расидааст, ҷавобгарии мушаххас дар меъёрҳои Кодекси мадании ҶТ муқаррар нашудааст, аз ин рӯ ҷавобгарӣ дар ин қисмат бояд таҷдиди назар карда шавад.

9. Тибқи андешаи диссертант, миёни аҳдҳои беэътибор, ки қонунгузории амалкунанда муқаррар кардааст, ба гурӯҳи махсус бояд ҷудо карда шаванд, он аҳдҳое, ки аз ҷониби шахсони ғайриқобили амал ва ноболиғони то синни 14-сола баста шудаанд, чунки натиҷаи мусбати иқтисодӣ нисбати онҳо равона карда мешавад. Номуайяние, ки айни замон дар таснифоти ҳуқуқии ин намуди аҳдҳо вуҷуд дорад, дар қонунгузорӣ мумкин аст, бо роҳи муайян кардани онҳо ҳамчун хусусиятҳои хоси аҳдҳои беэътибор бартараф карда шаванд.

10. Институте, ки ба қонунгузорӣ мухолифат надорад ва бо роҳи он баамалбарорӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои шахсоне, ки муддати тулонӣ дар ҳолати беҳушӣ қарор доранд, амалӣ карда мешавад, ин институти амал кардан ба фоидаи шахси бегона бе супориш мебошад. Чунин ҳолат метавонад масъалаҳои муҳимми ҳам назариявӣ ва ҳам амалии ба қобилияти ҳуқуқдории субъективӣ алоқамандбударо ҳал намояд, чунки дар чунин ҳолат ягон механизми дар қонунгузорӣ муқарраршудаи аз номи дигар шахс амалӣ намудани ҳуқуқҳо (аз қабили васӣ, парастор ва патронаж) ғайриимкон мебошад.

11. Ба сифати яке аз масъалаҳои муҳимми назариявии истилоҳи қобилияти ҳуқуқдории субъективии маданӣ ҳамзамон номуайянии шахсе, ки фавтида эълон шудааст, вале зинда мебошад, маҳсуб меёбад. Дар ин ҳолат гуногунфаҳмии ҳуқуқ ба миён меояд: ҳамон як шахс дар як вақт зинда аст ва субъекти мустақили ҳуқуқ ба ҳисоб меравад ва дар як вақти дигар бо қарори суд фавтида эълон карда шудааст, ки нисбати он тамоми ҳуқуқу уҳдадориҳо қатъ карда шудааст. Ин маънои таҷзияи моҳияти ҳуқуқии шахсиятро дорад, ки чунин духӯрагиро танҳо бо роҳи пешбининамудаи қонун, яъне тибқи моддаи 285 КМГ ҶТ метавон бартараф кард ва шахсро аз ҳолати ҳуқуқии нестӣ ба ҳолати зинда қарор доштан гузаронид.

**Дар рисола аз ҷониби муаллиф таҳлили меъёрҳои қонунгузорӣ оид ба масъалаҳои субъекти ҳуқуқи маданӣ будани шахсони воқеӣ як қатор**

**масъалаҳои баҳсталаби он мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ҷиҳати рафъи онҳо аз ҷониби муаллиф як қатор тавсияҳои амалӣ пешниҳод** шудаанд. Аз ҷумла, пешниҳод мегардад, ки дар моддаи 2 Кодекси мадании ҶТ қисми 6 бо мазмуни зерин илова карда шавад: «6. Қонунгузории мадани муносибатҳои байни шахсони фаъолияти соҳибкориро ба амал бароварда ё иштироки онҳоро танзим менамояд».

Ё ин ки аз ҷониби муаллиф пешниҳод карда мешавад, ки қисми 2 ба моддаи 19 Кодекси мадании ҶТ дар таҳрири зайл илова карда шавад:

«Шаҳрвандон уҳдадоранд аз ҳаракатҳое, ки ҳуқуқу манфиатҳои шахсони дигарро поймол мекунад, худдорӣ намоянд, уҳдадориҳои ба зимма гирифтаашонро ба таври дахлдор иҷро намоянд, зараре, ки дар натиҷаи иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадорӣ расонидааст, ҷуброн намоянд, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун зараре, ки ба ҳаёт ва саломатӣ ва ё молу мулки шахси ҳуқуқӣ расонидааст, ҷуброн намояд, иҷрои дигар уҳдадориҳое, ки аз қонун, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ё шартнома бармеоянд, таъмин намоянд».

Муаллиф қайд менамояд, ки қисми 3 дар моддаи 21 Кодекси мадании ҶТ дар таҳрири зайл илова карда шавад:

- «3. Маҳалли баамалбарории фаъолияти шаҳрванд маконе эътироф карда мешавад, ки ба таври низомнок ва ё доимӣ фаъолияти истеҳсолӣ, соҳибкорӣ, илмию таҳқиқотӣ, фаъолияти эҷодӣ ва дигар фаъолияти бо қонун манъ накардаи шахс дар он ҷо амалӣ карда мешавад».

Дар баробари ин, муаллиф пешниҳод дорад қисмҳои 3-4 моддаи 27 Кодекси мадании ҶТ дар таҳрири зайл илова карда шаванд:

- «3. Ноболиғони аз синни 14 то 18-сола аз рӯйи аҳдҳое, ки тибқи қисмҳои 1 ва 2 ҳамин модда бастаанд, ҷавобгарии молу мулкӣ доранд. Дар сурати аз тарафи ноболиғи аз синни 14 то 18-сола надоштани моликият ва ё дигар даромад барои ҷуброни зараре, ки аз бастани аҳдҳои бо розигии хаттии намояндагони қонунӣ – волидайнашон

басташуда бармеоянд, кифоя набошад, он гоҳ падару модар ухдадоранд ин зарарро пурра ва ё дар ҳаҷми қисмати пардохтнашуда, пардохт намоянд;

4. Агар ноболиғи аз синни 14 то 18-сола музди меҳнат, стипендия ва дигар даромади худро барои харидорӣ намудани нӯшокиҳои спиртӣ, маводҳои нашъадор ва ё дар бозиҳои шавқовар сарф намояд, суд метавонад бо даъвои падару модар, фарзандхондагон, васиён ва парасторон ҳуқуқи ноболиғро ҷиҳати мустақилона ихтиёрдорӣ кардани ин даромадҳо маҳдуд кунад ва ё тамоман маҳрум созад».

Инчунин, муаллиф пешниҳод дорад, ки қисми 7 дар моддаи 166 Кодекси мадании ҶТ дар таҳрири зайл илова карда шавад:

«7. Шахси воқеӣ ҳуқуқи дахлнопазирӣ ба тасвири худ дар тамоми шаклҳо дорад (сурат, сабти видеоӣ ва ғайра). Паҳн намудан, истифода бурдан ва ихтиёрдорӣ кардани тасвири шаҳрванд танҳо бо розигии шахси дар тасвир буда, иҷозат дода мешавад. Баъди марги ӯ бошад бо розигии фарзандон ва ҳамсари зиндамондаи ӯ сурат мегирад. Розигии шаҳрванд дар ҳолате гирифта намешавад, ки агар паҳн намудан, истифодабарӣ ва ихтиёрдории тасвири ӯ ба хотири манфиатҳои давлат ва ё ҷамъият амалӣ карда шаванд».

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Мукаррароти илмии диссертатсия ва натиҷаҳои илмӣ, ки дар бобҳо ва зербобҳо, инчунин хулосаи кор ифодаи худро ёфтаанд, аз саҳми шахсии муаллиф дарак медиданд. Ҳамзамон, муаллиф ақидаҳои худро тавассути мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ ба омма пешкаш намудааст.

Натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешкаш шудаанд, заминаи кофӣ ва боэътимоди назариявӣ ва методологӣ доранд. Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсияро корҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ, ки ба масъалаи мазкур бахшида шудаанд, ташкил медиҳад. Заминаҳои амалии тадқиқотро таҷрибаи ватанӣ

ва мақомоти давлатии ваколатдор ташкил додааст. Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои умуминазариявӣ ва махсуси ҳуқуқӣ ташкил додаанд.

Муаллиф хулосаю пешниҳод ва тавсияҳои худро бо сарчашмаҳои ҷадиди илмӣ бо истинод овардан ба маводи илмӣ ва қонунгузорию корҳои амалӣ асоснок намудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Масъалаҳое, ки дар диссертатсия мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд, дар дигар корҳои илмӣ, ки ба масъалаҳои марбут ба унсурҳои асари баррасигардида бахшида шудаанд, метавонанд мавриди корбурд қарор гиранд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмиро дар такмили қонунгузории маданӣ истифода бурдан мумкин аст. Хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф дорои аҳамияти илмӣ-амалӣ буда, метавонанд дар ҷараёни таълими фанҳои ҳангоми гузаронидани лексияҳо аз фанҳои «Ҳуқуқи гражданӣ», «Ҳуқуқи муаллифӣ» ба донишҷӯён ва магистрони факултети ҳуқуқшиносии макотиби олии кишвар истифода бурда шаванд.

**Чоп намудани таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ.** Довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи илмиаш муаллифи 50 асари илмӣ ва таълимӣ буда, ба теъдоди асарҳои калонҳаҷм 2 монография, 1 китоби дарсӣ, 9 васоити таълимӣ ва 22 мақолаҳои илмии дар маҷалаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ барои интишори натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур ва дигар мақолаҳо буда, ҳаҷми умумии асарҳои ӯ зиёда аз 100 ҷузъи чопӣ мебошанд. Хулоса, натиҷа ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар маводи нашргашта инъикос ёфтаанд.

**Нашр ва мазмуни маводҳои илмии Қурбонализода Нурулло Шамсулло аз он гувоҳи медиҳад, ки таҳқиқоти докторӣ мустақил, бо сифат, дар доираи фаъолити касбӣ, сатҳи баланди илмӣ, анҷом додани таҳлилҳои**

мустақил сурат гирифтааст, ки сифати баланд ва касбӣ будани таҳқиқотро бозгӯ аст.

Нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва хулосаи диссертатсия дар ҷаласаҳои кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ муҳокима ва маъқул дониста шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи интихобнамудааш ҳамасола дар конференсияҳои апрелии ҷумҳуриявӣ, дар конференсияҳои байналмилалӣ, семинарҳои илмии сатҳи гуногун ва дигар чорабиниҳои илмӣ баромад намуда, инчунин дар амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқии ҶТ фаъолона иштирок намудааст (с. 20-21 автореферат).

**Ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ мутобиқ будани барасмиятдарории диссертатсия.** Диссертатсияи баррасишаванда вобаста ба ном ва нақшаю сохтор, муҳтаво, хулоса ва рӯйхати сарчашмаҳо ба талаботҳои мавҷуда ҷавобгӯ мебошад. Он аз 4 боб, 11 зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 340 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи диссертатсия, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, объект ва предмети таҳқиқоти илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия асоснок ва баррасӣ гардидааст.

Боби якум - таҳлили **«Моҳияти қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии субъективии мадании шахсони воқеӣ»**-ро дар бар гирифта, аз ду зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якуми ин боб – **«Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии субъективии мадании шахсони воқеӣ»** диссертант ақида баён намудааст. Ба андешаи ӯ таърихи ҷаҳонии ташаккул ва рушди назарияи қобилияти ҳуқуқдории мадании шахсони воқеӣ аз меъёрҳо оид ба мавқеи шахс дар ҳуқуқи хусусии римӣ сарчашма мегирад. Такомули олӣ, дақиқӣ ва умқи ин муқаррарот мазмуни онҳоро дар тамаддуни ҷаҳонӣ муайян намуданд ва бо

гузашти солҳои зиёд, масъалаҳои вобаста ба қобилияти ҳуқуқдории шахсони воқеӣ, дар низомҳои гуногуни ҳуқуқӣ амалан дар ҳамон шакле, ки аз ҷониби ҳуқуқшиносони римӣ тасвият шуда буданд, танзим мегарданд.

Дар зербоби дуюми ин боб – **«Муқаррароти асосӣ оид ба қобилияти амалкунии мадании шахсони воқеӣ»** таҳлил гардидааст. Мафҳуми қобилияти амалкунӣ, ки дар қисми 1 моддаи 22 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст ва он ҳамчун қобилияти шахс ҷиҳати бо ҳаракатҳои худ ба даст овардан ва амалӣ намудани ҳуқуқҳои маданӣ ва барои худ ба вуҷуд овардани уҳдадориҳои маданӣ ва иҷрои онҳоро муқаррар кардааст, комилан рост меояд. Қобилияти амалкунӣ аз унсурҳои зерин иборат мебошад:

1) қобилияти бастани аҳд – қобилияти ихтиёрона бастани аҳд аз ҷониби шахс, тавассути он (бастани аҳд) ҳуқуқу уҳдадориҳои нав пайдо кардан;

2) қобилияти деликтӣ – қобилияти шахс барои зарари расонидааш бо ҳаракатҳои зиддиҳуқуқӣ ҷавобгар будан.

Боби дуюми диссертатсия – «**Масъалаҳои қобилияти ҳуқуқдории шахсони воқеӣ дар ҳуқуқи маданӣ**» аз чор зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якуми он – **«Мазмуни қобилияти ҳуқуқдории субъективии маданӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон»** муайянсозии лаҳзаи нахустини қобилияти ҳуқуқдории маданӣ дар қонунгузории амалкунанда, ба андешаи диссертант, мавриди тағйиротҳои ҷиддӣ қарор нагирифт. Дар қисми 2 моддаи 18 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, ки: «Қобилияти ҳуқуқдории шахсони воқеӣ аз лаҳзаи таваллуд ба вуҷуд омада бо марг қатъ мегардад». Таҳлили қонунгузории амалкунанда оид ба ғайримақсаднок будани ворид намудани тағйирот оид ба муайянкунии он, ки қобилияти ҳуқуқдории шахси воқеӣ аз лаҳзаи бавуҷудоии ҷанин пайдо мешавад, шаҳодат медиҳад. Якум, лаҳзаи пайдошавии ҷанин ба муайянсозии аниқ ниёз надорад; дуюм, ҷавоби ягона ба саволи ин, ки аз

кадом лаҳза ҳаёти инсон пайдо мешавад, вуҷуд надорад; сеюм, ҳолате нораво аст, ки дар раванди он шахсони воқеӣ ба ҳайси субъектони ҳуқуқ дар ҳолатҳои гуногун ба қайд гирифта мешаванд: ё ба сифати ҷанин, ё ба сифати тифли навзод.

Дар зербоби дуюми ин боб – **«Масъалаҳои мубрами ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва дигар неъматҳои ғайримоддӣ дар таркиби қобилияти ҳуқуқдории мадании шахсони воқеӣ»** ақидаҳои муаллиф оид ба ҳуқуқ ба ҳаёт ва саломатӣ баён гардида, ба ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ алоқаи ногусастанӣ дорад, ки норавоии ҳама гуна дахолатро аз берун ба соҳаи фаъолияти ҳаётии фардии субъект тақозо мекунад ва дахлнопазирии ҷисмонӣ ва руҳии шахсро дар бар мегирад.

Зербоби сеюми ин боби диссертатсия ба таҳлили **«Масъалаҳои ҳуқуқҳои молумулкии шахсони воқеӣ»** бахшида шудааст. Муҳаққиқ қайд мекунад, ки дар қонунгузории амалкунанда доираи ҳуқуқҳои молумулкии ба шахсони воқеӣ тааллуқдошта бағоят васеъ карда шуд, ки ҳар кадоми он на танҳо барои амалисозии пурраи захираи билқувваи шахсӣ дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти инсонӣ, балки барои инкишофи ояндаи иқтисодиёти ватанӣ воқеан зарур мебошад. Соҳаи молумулкии муомилоти маданӣ бо иштироки шаҳрвандон куллан тағйир ёфт, пеш аз ҳама, ба туфайли дар қонун мустаҳкам намудани ҳуқуқи шаҳрвандон барои иштирок дар хусусигардонии молу мулки давлатӣ имкониятҳои зарурӣ барои татбиқи фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳамаи намуд ва шаклҳои он фароҳам гардонид.

Дар зербоби чорум – **«Масъалаҳои асосии ҳуқуқҳои истисноӣ ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ»** муаллиф пешниҳод менамояд, ки муҳтавои қобилияти ҳуқуқдории шахсони воқеиро ташкил медиҳанд, ҳуқуқ ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ҷойи махсусро ишғол менамояд, ки бо махсусияти табиати ҳуқуқии онҳо, инчунин вижагии механизми амалишавии онҳо, ҳимояи онҳо вобастагӣ дорад. Вақтҳои охир таваҷҷуҳ ба ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ, бинобар васеъшавии бемисли соҳаи амали онҳо

комилан фаъол гардида истодааст. Нақши боризро дар ин масъала равандҳои фаъолона инкишофёбандаи ҳамгироии иқтисодиёти байналмилалӣ, ки дар он ҳуқуқ ба натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ бағоят аҳаммияти муҳим дорад.

**Боби сеюми диссертатсияи мазкур** ба омӯзиши илмию амалии қобилияти ҳуқуқи мадании ноболиғон бахшида шудааст, ки аз ду зербоб иборат мебошад.

Зербоби якуми он ба кушодани **қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии мадании ноболиғон** бахшида шудааст. Ба ақидаи муаллиф қисми 2 моддаи 29 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар худ як навъ ихтилофе дорад: аз як тараф, ба хурдсолон ҳуқуқи бастани аҳдҳои хурди маишӣ, аз тарафи дигар бошад – аҳдҳои вобаста ба ихтиёрдории воситаҳои барои мақсадҳои муайян ё барои ихтиёрдории озод пешбинигардида дода шудааст. Агар бо ақидае розӣ шавем, ки воситаҳои пулии аз ҷониби падару модар ё шахсони сеюм пешниҳодгардидаро ихтиёрдорӣ карда, хурдсол ҳуқуқ дорад, танҳо муомилотҳои хурди маишӣ бандад, тафриқаи қонунии намудҳои номбаргардидаи аҳдҳо ҳама гуна мазмуни худро гум мекунад. Бинобар ин ба аҳдҳо, оиди аз ҷониби хурдсолон ихтиёрдорӣ намудани воситаҳои пулӣ бояд ҳар гуна аҳдҳои ҳуқуқии маданӣ дохил карда шаванд, ба ғайр аз онҳое, ки ба тасдиқи нотариалӣ ё бақайдгирии давлатӣ ниёз доранд, дар ҳоле ки ҳамаи ҷавобгарии ҳуқуқии маданӣ аз рӯйи чунин аҳдҳо ба зиммаи намояндагони қонунии кӯдакон гузошта мешавад.

Зербоби дуюм дар ин бахши диссертатсия – **«Қобилияти ҳуқуқдории субъективии ноболиғон дар муносибатҳои иттилоотӣ»** номида шудааст, чунки дар он воситаҳои махсуси ҳуқуқӣ таҳлил шудаанд. Ба ақидаи **Қурбонализода Нурулло Шамсулло** меъёрҳои иттилоотӣ-ҳуқуқӣ ҳангоми танзими муносибатҳо дар соҳаи ҳифзи неъматҳои ғайримоддӣ, ҳуқуқҳои молумулкӣ, ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ дар соҳаи иттилоотӣ татбиқ мегарданд. Ин ҳуқуқ ба шаъну шарафи шахсият, ҳуқуқ ба ҳифзи обрӯ ва эътибор, обрӯи корӣ, дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, сирри шахсӣ ва

оилавӣ, ҳуқуқ ба ном, ҳуқуқи муаллифӣ, дигар ҳуқуқҳои шахсии ғайриамволӣ ва дигар неъматҳои ғайримоддӣ, ки бо истеҳсолот, коркард ва истифодаи иттилоот алоқаманд мебошанд. Меъёрҳои диспозитивии иттилоотӣ-ҳуқуқӣ хусусияти худро доранд, ки бо вижагиҳо ва хислати иттилоот ва объектҳои иттилоотӣ муайян карда мешаванд ва онҳо аз дигар меъёрҳои хусусияти диспозитивидошта фарқ мекунанд.

Боби чоруми диссертатсия – «**Қобилияти амалкунии шахсони воқеӣ**» дорад, ки аз се зербоб иборат аст.

Зербоби якуми он ба масъалаҳои асосии **маҳдуд кардани қобилияти амалкунии шахсони воқеӣ ва қатъ гардидани он** бахшида шудааст. **Муаллиф ба он андеша аст, ки** дар низоми омилҳои таъсиррасонанда ба ҳуқуқдории субъективии шахсони воқеӣ, вазъи саломатии психологии шахсони воқеӣ аҳаммияти асосӣ дорад, инчунин аз ҷониби ӯ машғул шудан ба қиморбозӣ, суистифода гардидани нӯшокиҳои спиртдор ё маводи нашъадор, чунки маҳз бо ин ҳолатҳо чун анъана эътирофи ғайриқобилиамал ва қобилияти амалкунии маҳдуди шахси воқеӣ вобаста аст. Дар баробари ин, новобаста аз он ки дар қонунгузории амалкунанда мукаллаф будани шахс вобаста ба синну сол, хурдсолон, ба синни шашсолагӣ нарасида қайд нагардидааст, онҳо ғайриқобили амал ҳисобида мешаванд, чунки ҳамаи аҳдҳоро аз номи онҳо метавонанд танҳо падару модари онҳо, фарзандхондагон ё парасторони онҳо банданд.

Дар зербоби дуюми он – «**Нақши васӣ ва парасторӣ дар татбиқи қобилияти амалкунии шахсони воқеӣ**» мавриди таҳлили назариявӣ ва амалӣ қарор гирифтааст. Диссертатн чунин баён месозад, ки масъалаи қаблан баррасигардидаи вижагиҳои ҳуқуқдории субъективии ноболиғон, шахсони ғайриқобили амал ва дорои мукаллафии маҳдудгардида, ки нисбат ба онҳо маҳдудият ва мамнӯъиятҳои сершумори қонунӣ муқаррар карда шудаанд, боиси зарурати мантиқии таҳлили ниҳодҳои васоят ва парасторӣ бо мақсади муайянсозии нақши онҳо дар механизми амалисозии қобилияти амалкунии доираи номбаршудаи шахсони воқеӣ

мегардад. Лозим ба ёдоварист, ки зарурати мусоидат дар амалисозӣ ва ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандоне, ки қобилияти пурраи амал надоранд, муддатҳои қабл дарк гардида буданд.

Дар зербоби сеюми ин бахши диссертатсия масъалаҳои илмию амалии **аҳаммияти патронаж дар татбиқи қобилияти амалкунии шахсони воқеӣ** таҳқиқ шудаанд. Муаллиф вобаста ба махсусиятҳои падидаи мазкур иброз медорад, ки яке аз масъалаҳои муҳим, ин табиати ҳуқуқии сарпарастӣ (патронаж) мебошад, ки дар моддаи 42 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам гардидааст. Дар баробари он ки аз нуқтаи назари лингвистикӣ дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шудани истилоҳи мазкур ба назар намерасад, дар луғатҳо он ҳамчун расонидани ёрии доимии табобатӣ-профилактикӣ ба кӯдакони навзод ва баъзе истилоҳҳои дигари беморон таъриф карда мешавад.

Патронаж аз калимаи лотинӣ (patronus – ҳимоячӣ, ҳомӣ) гирифта шуда, ҳифзи манфиатро мефаҳмонад. Хусусияти ин шакли парасторӣ дар он ифода меёбад, ки патронаж нисбати шаҳрванди болиғи қобили амал ба ҳисоб меравад ва вобаста ба вазъи саломатӣ наметавонад мустақилона ҳуқуқҳои худро амалӣ ва ҳифз намояд, уҳдадориҳои худро иҷро кунад. Вазъи саломатӣ вобаста ба беморӣ, ноқисиҳои ҷисмонӣ, беқувватӣ вобаста ба пиронсолӣ алоқаманд аст.

Дар натиҷаи таҳқиқот муаллиф хулосаи рисоларо таҳия кардааст, ки дар он натиҷаҳои таҳқиқоти илмии диссертатсионӣ, ки ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ доранд, пешниҳоду тавсияҳои муаллиф дар ҳар як боб ва зербобҳо аз рӯйи мазмун ва моҳияти рисолаи илмӣ дар маҷмӯъ инъикос ёфтаанд. Ҳамзамон, муаллиф дар робита ба рисолаи илмӣ автореферастро тибқи талаботи муқарраргардида таҳия кардааст, ки онҳо байни ҳам мутобиқати дохилию мантиқӣ доранд.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ва ҳалталаби зерин ҷой доранд:

1. Муаллиф дар пешниҳоди 5 нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешбинишаванда алоқамандии омилҳои иҷтимоӣ ва биологиро дар моҳияти шахс инъикос намудааст (саҳ. 146-151 диссертатсия). Аз нуқтаи назари таҳлили илмӣ чунин масъала ба сифати навгонии илмӣ баҳснок буда, диссертантро зарур буд, ки масъалаи мазкурро дар бобҳои алоҳидаи диссертатсия таҳлил менамуд ва зарурияти ба нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешбинишавандаро чандон муҳим намешуморем.

2. Дар параграфи 2 боби чоруми диссертатсия муаллиф нақши васӣ ва парасторӣ дар татбиқи қобилияти амалкунии шахсони воқеиро таҳлил намудааст (саҳ. 272 диссертатсия).

Бояд қайд намуд, ки дар қонунгузории ҷорӣ яке аз масъалаҳои муҳимро ин муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти васоят ва парасторӣ ташкил медиҳад, ки доир ба масъалаи мазкур миёни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат мавҷуд мебошад. Аз ҷумла, байни моддаи 35 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боби 20 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии соҳа мухолифат мавҷуд мебошад. Вобаста ба ин асосҳо, муаллифро зарур буд, ки масъалаи мазкурро дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пурра таҳлил менамуд ва барои рушди қонунгузорӣ таклифҳо манзур менамуд, ки ба мақсад мувофиқ аст.

3. Яке аз масъалаҳои муҳим дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷумла фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ мебошад, Дар қисми 3 моддаи 1, моддаи 24 ва дигар меъёрҳо фаъолияти соҳибкорӣ танзим гардидааст, аммо баъди қабул гардидани Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон бештари масъалаҳои фаъолияти соҳибкорӣ аз кодекс бо кадом асосҳо хориҷ карда шудааст, баҳснок буда, шояд ба амалишавии фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ мушкилотҳоро ба миён оварад. Аз ин лиҳоз, ки диссертант дар пешниҳоди 12 (саҳ. 95, 101 диссертатсия) ба ҳимоя манзур намудааст ва ба масъалаҳои фаъолияти соҳибкорӣ,

инчунин оид ба Кодекси соҳибкорӣ андеша иброз намудааст, Проблемаҳои ба ҳамин масъала ҷой доштаро пурра иброз накардааст ва роҳҳои ҳалли онро пурра нишон надодааст.

4. Диссертант дар таҳлили параграфи дуюми боби 3 доир ба масъалаи қобилияти ҳуқуқдории субъективии ноболиғон дар муносибатҳои иттилоотӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои ноболиғон дар соҳаи иттилоотонӣ ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонун дар бораи воситаҳои матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма дар шакли зерин пешниҳод намудааст:

– манъ кардани интишори ахбор ва маводи хусусияти шаҳвонидошта дар ВАО, ки ба сифати шаҳвонӣ ба қайд гирифта нашудаанд, аз ҷумла, ба пахш намудани барномаҳои махсусгардонидашудаи телевизион ва радио, ки хусусияти шаҳвонӣ дорад, бидуни рамзӣ кардани сигнал;

– дар ВАО манъ намудани интишори ахбор ва маводи дорои муҳтавои натуралистӣ ва бешармона ё тасвири ҷисми инсон, олоти ҷинсӣ, амалҳои шаҳвонӣ, ки ба меъёрҳои ахлоқӣ ва одобии ҷомеаи тоҷикон ихтилоф доранд (саҳ. 229-235 диссератсия).

Бояд қайд намуд, ки бо дарназардошти ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд диссертантро зарур буд, ки бобати маҳдуд намудани воситаҳои мазкур андешаҳояшро таҳким мебахшид.

Эродҳое, ки дар боло зикр шудаанд аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба комил будани рисолаи доктории **Қурбонализода Нурулло Шамсулло** таъсири манфӣ намерасонанд. Онҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки масъалаҳои баррасикардаи муаллиф мубрам буда, метавонанд диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб намоянд.

**Қисмати хотимавии тақриз - хулоса.** Диссертатсияи баррасигардида аз лиҳози мубрамият, ном ва нақшаи мавзуъ, муқаддима, бобҳо ва зербобҳо, хулосаю сарчашмаҳо, пайдарҳам бо услуби илмӣ таҳия гардидааст. Дар он ақидаҳои гуногуни илмӣ, қонунгузорӣ ва таҷрибаи

ҳуқуқтатбиқнамоӣ таҳлил гардида, хулосаҳои муҳим ва тавсияҳои муфид ҷиҳати такмили қонунгузорӣ манзур шудааст.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи **Қурбонализода Нурулло Шамсулло** дар мавзуи **«Масъалаҳои субъекти ҳуқуқи маданӣ будани шахсони воқеӣ: ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон»,** ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 қабул гардидааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он **Қурбонализода Нурулло Шамсулло** сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори
кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва
зиддикоррупсионии факултети менеҷмент
ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон, Арбоби илм ва
техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Исмоилов Ш.М.

«Имзои Исмоилов Ш.М.-ро тасдиқ мекунам»:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон Шарипов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Наҳимова 64/14 Тел.: (+992 237) 231-08-37, 231-02-01. E-mail: Feit-2012@mail.ru http//www.feif.tj

16.05.2023 сол